## ТАҚРИЗИ

***Муқарризи расмӣ Туев Шоҳин Шоевич – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, ба диссертатсияи Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович дар мавзуи "Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01– педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)***

Имруз дигаргуниҳои назарраси дар рушди иҷтимоиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуқӯъ омада, пеш аз ҳама бо такмил ёфтани низоми таҳсилот вобаста аст, кадоме ки дар навбати худ ба болоравии самаранокии беҳдошти омода намудани мутахассисон ба кору зиндагии мустақилона, тарбияи шаҳрвандони соҳибмаърифати ҷомеа мусоидат мекунад. Камолоти инсони соҳибмаърифат, мутахассиси соҳибкасби ҷавобгӯ ба талаботи муосири пешрафтаи илмӣ – техникӣ пеш аз ҳама ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии насли ҷавон мусоидат мекунад, кадоме ки асоси онро тафаккури илмӣ ва эътиқодҳои материалистӣ ташкил медиҳанд. Дар ҳар як давраи рушди ҷамъият масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии илмии шахсият ва мутобиқати он бо сохти ҷамъиятӣ, сатҳи рушди илму маориф муаммои муҳими он маҳсуб меёбад.

Дар ҳуҷҷати муҳими давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030" ба муҳимият ва зарурияти муаммои ташаккули ҷаҳонбинии илмии насли наврас эътибори махсус дода шудааст.

Гарчанд масоили ташаккули ҷаҳонбинии илмии насли наврас мавзӯи нав набошад ҳам, дорои решаҳои амиқ мебошад. Таҳлили адабиёти фалсафӣ, психологӣ – педагогӣ нишон медиҳад, ки дар давраҳои мухталиф ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии насли наврас диққати хоса зоҳир мегардид. Аммо имруз, ҷаҳони иҷтимоии босуръат тағйирёбанда ҷанбаҳои печидатари масоили мазкурро ба миён меорад.

Аз ин лиҳоз, интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии он аз тарафи Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва илми педагогика хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти мубрам ва муҳим маҳсуб будани он далолат медиҳад.

Рисола аз мукаддима, ду боб, хулоса, феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи рисола аз тарафи муҳаққиқ дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ, зарурати таҳқиқу баррасии муаммои маводи назар, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ, сарчашмаҳо ва равиши анҷоми кори илмӣ, предмет ва объекти таҳқиқ, инчунин матолиби меҳварии барои дифоъ манзуршаванда, навгонии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии он ба таври возеҳ шарҳу тафсир ёфтаанд.

*Боби якуми рисола*, ки ***"Асосҳои методологӣ ва назариявии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ"*** номгузорӣ шудааст, фарогири се зербахш буда, дар ҳар яки он муаллиф роҷеъ ба масоили зайл: моҳият ва мӯҳтавои технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ; асосҳои назариявӣ ва хусусиятҳои рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ; сохтори мӯҳтавоии амсилаи истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон андешаронихо намудааст. Муаллиф дар ин боб дуруст қайд менамояд, ки тағйироти бавуқуъпайвандаи баъди замони шӯравии рушди давлатдории мо олимону муҳаққиқони ин масъаларо маҷбур сохт ба як қатор ҳолатҳои махсус, ки бо мурури замон арзи ҳастӣ кардаанд – субъектнокии иҷтимоии ҷавонон, статуси иҷтимоӣ-сиёсӣ, ҷаҳонбинии ҷавонон, хусусиятҳои иҷтимоӣ-психологӣ ва педагогӣ, равандҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ байни ҷавонон эътибор диҳанд.

Дар пояи чунин муносибат, ва илова бар он бо муносибати нави таҳқиқотӣ муаллиф тавонистааст, ки дар зербахши ин боб моҳияти мафҳумҳои "ҷаҳонбинии илмии хонандагон", масъалаи ошкор намудани шартҳои

педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълимро дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон ба таври асоснок ва боэътимод таҳқиқ намояд.

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиётҳои сершумори илмӣ-назариявӣ ва методологӣ оиди ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон, муаллиф имконият пайдо намудааст, ки мавқеъ ва нақши омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосирро дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон бо истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим муайян намояд ва шароитҳои самараноки амалӣ гаштани онро коркард намояд.

Қобили қайд аст, ки унвонҷӯ дар ин боби таҳқиқот дар асоси таҳлили теъдоди васеи адабиётҳои педагогию психологӣ доир ба асосҳои методологӣ ва назариявии ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон бо истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим тибқи дидгоҳи муосири илмӣ имкон пайдо кардааст, то ки моҳият, хусусиятҳои раванд ва шароитҳои дарёфт ва ташаккули малакаву қобилияти хонандагонро дар ин равия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосир ҳамчун масъалаи мубрами психологию педагогии даври имрӯза муайян карда шаванд.

Ҳамчун яке аз ҷиҳатҳои мусбии кори диссертатсионии Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович он нуктаро қайд кардан лозим аст, ки оиди ҷамъбаст ва хулоса намудани донишҳои илмӣ – назариявӣ дар боби аввали рисола марбут ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон бо истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим аз тарафи ӯ таҳлили чуқур ва асосноки илмӣ – назариявӣ гузаронида шудааст.

*Боби дуюми рисола* ***"Технологияи педагогии рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон тибқи истифодаи технологияи инноватсионии таълим"*** ба таҳқиқи масъалаҳои: таҳия ва истифодаи китоби электронӣ чун воситаи самараноки технологияҳои инноватсионии таълим дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда; ҷанбаи муҳтавоии истифодаи самараноки модулҳои ҷадвалӣ дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон; самаранокии муҳтавои кори таҷрибавӣ – санҷишӣ оид ба рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар асоси

истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар чараёни дарсҳо ва арзёбии натиҷаҳои он бахшида шудааст.

Аз мутоила ва таҳлили ин боб бармеояд, ки муаллифи рисола ба масъалаи муайян намудани мундариҷаи фаъолияти омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро доир ба рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон бо истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, сохтор, субъект ва объекти раванди педагогӣ, нақша – барномаҳои таълимӣ – тарбиявӣ, фаъолияти таълимӣ ва методии он, бо таҷриба ва дастовардҳои педагогон доир ба масоили мавзуи таҳқиқот ҳамаҷониба шинос гардида, онро дақиқкорона мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст. Дар заминаи таҳлили амиқи ин масъала муаллиф имкон пайдо кардааст, ки дар асоси натиҷаҳои корҳои тадқиқотӣ – озмоишӣ ба хулоса ояд, ки дар самаранокии сифати таълим доир ба рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон бо истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим, усули дарёфт ва ташкили шароитҳои муваффақи педагогӣ барои ин фаъолият вуҷуд дорад ва он қобили омӯзишу тарғиб аст.

Дар боби дуюми рисола, ки асосан характери таҷрибавӣ – озмоишӣ дорад, аз тарафи муаллиф шароит ва омилҳои ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон бо истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар асоси дохилкунӣ ва истифодаи шароитҳои педагогии мутаносиб муайян шудааст ва ҳадафи озмоиш гардидааст. Бо мақсади ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон бо истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар раванди таҳсилот муаллиф оид ба ворид намудани амсилаи истифодаи технологияҳои инноватсионии таълимро барои ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон ҳамчун шароити муваффақи педагогӣ таҳия ва корбарӣ намудааст.

*Навгонии илмии таҳқиқоти гузаронидаи Худойназаров М.А. аз инҳо иборат аст:*

- амсилаи педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия ва коркард шудааст;

- шартҳои педагогии истифодаи технологияи инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шудааст;
- меъёрҳову сатҳи ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим таҳия шуданд;
- шаклу усулҳои асосӣ ва воситаҳои истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

*Аҳамияти назариявии таҳқиқот.* Натиҷаҳои ба даст омадаи таҳқиқоти мазкур дар ҷанбаи назариявии таълиму тарбияи хонандагон саҳми муайян мегузоранд, кадоме, ки ба рушди характери шахсияти хонанда нигаронида шудааст, мафҳумҳои асосии «ҷаҳонбинии илмӣ» ва принсипи сохтори ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагонро пурра месозад. Сохтори ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон, ки дар рисола коркард шудааст ба самаранокии кор оид ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон мусоидат мекунад.

*Аҳамияти амалии таҳқиқоти рисолаи тақризшаванда дар он аст, ки:*
- маводҳои дидактикӣ дар шакли адабиёти электронӣ, модули ҷадвалии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон омода карда шудааст;
- дастурҳои методӣ оид ба истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар раванди таълим таҳия шудаанд;
- натиҷаҳои ҳосилшуда метавонад чун базаи иттилоотӣ барои таҳияи монография ва дастурҳои таълимӣ – методӣ аз рӯи мавзӯи марбут ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон ҳангоми истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим истифода шаванд.

Саҳми шахсии муаллифи рисола дар иштироки бевоситааш дар тамоми давраҳои таҳқиқот, банақшагирӣ, интихобу асосноккунии мавзӯъ, таҳияи сохтори рисола, муайян сохтани ҳадаф, вазифа, объекту предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ аз рӯи мавзӯи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва батартибдарории натиҷаҳои таҷриба, чун базаи таҷрибаи маълумот ва коркарди он, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти таҷриба, омода ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои ҳосилшуда ва навиштани рисола ба назар мерасад.

*Эрод ва пешниҳод нисбати камбудиҳои мавҷудбуда*

Дар рисола бо баробари муваффакиятҳои зиёд баъзе нуктаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо, боиси боз ҳам баланд бардоштани мазмун ва сатҳу сифати рисолаи илмӣ хоҳад буд:

1. Хуб мешуд, ки муҳаққиқ дар рисола таҷрибаи пешқадам ва ё костаи баъзе мактабҳоро оид ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон ҳангоми истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим нишон дода, хулосабарорӣ менамуд.
2. Дар матни диссертатсия намунаҳои бисёри роҳ ва усулҳои истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим вобаста ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон оварда шудаанд ва хеле хуб мебуд, ки дар ҳолати ба онҳо тавсифномаи пурра додан, мазмуни таҳқиқот боз ҳам баландтар мегашт.
3. Дар мундариҷаи рисола истифодаи усулҳои фаъол ва интерактивии дарс хеле хуб қайд шудааст, аммо агар баъзе омилҳои ба он монеъашаванда қайд мешуд мӯҳтавои рисола боз ҳам васеътар мегардид.
4. Дар баъзе саҳифаҳои рисола хатогиҳои услубӣ, техникӣ дида мешавад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар намудани сифати он мусоидат менамояд.

Эродҳои оварда шуда, ҷузъӣ буда, таъсири худро ба арзиши назарӣ ва амалии рисола надорад.

Мазмуну мухтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолоти таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмуъ фарогири ададанд,

пурра инъикос мекунанд. Аз ҷиҳати моҳият ва мазмун диссертатсияи Худойназаров М.А. ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқ аст.

Диссертатсияи Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович дар мавзуи "Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон", тадкикоти илмӣ – тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ба талаботи бандҳои 31-37 Низомномаи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ" – и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он, ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) арзанда аст.

*Муқарризи расмӣ:*
*Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,*
*мудири кафедраи математикаи олӣ*
*ва информатикаи Донишкадаи кӯҳию*
*металургии Тоҷикистон* *Туев Шоҳин Шоевич*

*Имзои Ш.Ш.Туевро тасдиқ менамоям.*
*Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси*
*Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон,*
*н.и.т., дотсент* *Сулейманова Н.А.*

*Маълумот барои тамос: 735730, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бӯстон, кӯч.Баротов А.6. Тел:+992927531988;* ***E-mail: Shohin-8888@mail.ru***

*Сана 02.02.2023с.*